**аз 07.12.2021, №21391/13.1-д**

Мақомоти ҳудудии андоз

Дар асоси муқаррароти моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 30.11.2021, таҳти №1804 аз 1 январи соли 2022 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 64 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ҳангоми ҳисобкунии маблағи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ, ки меъёри онҳо бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шудаанд, инчунин ҳангоми таъин намудани ҷаримаи маъмурӣ андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳоро дар ҳаҷми 64 сомонӣ ба ҳисоб гиранд.

Ҳамзамон, ба маълумоти Шумо мерасонем, ки мутобиқи банди 2 моддаи 24 қонуни мазкур маблағҳои аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аз ҳисоби мусодираи молу мулк, ҷарима, пеня, ҷубронпулӣ воридшуда ва ҳамчунин, ҷуброни зарари молиявии дар натиҷаи риоя накардани интизоми молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ расонидашуда, ба истиснои маблағҳое, ки аз вайронкунандагони қонунгузории замин ситонида мешаванд, ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешаванд. Дар баробари ин, тибқи муқаррароти моддаи 39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

Бинобар ҳамин, ба мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки раванди аз ҷониби тамоми шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ба буҷети ҷумҳуриявӣ - суратҳисоби Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20204972111010100001 (РМА 010010058, МФО 350101800) гузаронидани маблағи ҷаримаи маъмурӣ ва маблағи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ воридшударо, назорат намоянд.

Бо назардошти ҳолатҳои зикргардида, сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки моҳияти моддаҳои 23, 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» ва мактуби дастурии мазкурро ба кормандони худ фаҳмонида, андозсупорандагонро оиди тағйироти мазкур огоҳ намоянд.

Муовини якуми Раис А. Солеҳзода